# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Рисолаи диссертатсионии Мулоева Нишона Сангмадовна аз ҷиҳати интихоби мавзуъ мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми рӯзноманигории муосир - «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» бахшида шудааст.

Дар илми журналистика яке аз бахшҳои муҳим пажӯҳиши жанр ва мушаххасоти он дар низоми васоити ахбори омма мебошад. Новобаста ба он, ки дидгоҳу назарҳо ва таърифҳо доир ба жанр ва истифодаи он дар фаъолияти рӯзноманигорӣ гуногунанд, вале як нукта дақиқ аст, ки кори рӯзноманигор асосан дар доираи нишондоди жанр сурат мегирад. То куҷо истифода шудану ба талаботи жанр ҷавоб додани матолиб мавзуи баҳсу пажӯҳишҳои илмӣ аст.

Дар шабакаҳои телевизионӣ сeристеъмолтарин жанр репортаж буда, рӯзноманигорон бо истифода аз имкониятҳои он матлаб таҳия менамоянд. Ҳама гуна жанр хусусиятҳои умумӣ, омили пайдоиш, ташаккул ва инкишоф дорад. Жанрҳо бо рушди ҷомеа такмил меёбанд ва дар худ унсурҳои навро ҷой медиҳанд, ки донистану ба назар гирифтани он барои рӯзноманигорон муҳим аст. Дар шароити муосир, ки барномаҳои иттилоотӣ низ хусусияти тарғиботӣ пайдо намудаанд, нашри иттилоъ вобаста ба хусусияти расонаҳои хабарӣ ҳадафмандона сурат мегирад. Баъзан фактҳои дуюмдараҷа мавқеи худро дигар карда, аввалиндараҷа мешаванд ва ё аз ҷониби журналистон маҳз паҳлуи норӯшани воқеаву рӯйдоди баамаломада тавзеҳ меёбад.

Таҳқиқи мавзуи мазкур дар илми журналистикаи тоҷик нав мебошад. Доир ба баррасии мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ пажӯҳиши илмии диссертатсионӣ ба вуҷуд наомада бошад ҳам, табиати жанр дар китобу воситаҳои таълимӣ то андозае мушаххас гардидааст. Дар кори диссертатсионӣ ба адабиёти зиёди илмиву таълимӣ ва санадҳои ҳуқуқию меъёрии соҳаи журналистикаи телевизион такя шудааст.

Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи мавриди пажӯҳиш дар заминаи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» бори аввал мавриди таҳқиқи густурда қарор гирифтааст.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку фаҳм карда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори

илмӣ матолиби баррасишавандаро дар шакли муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва феҳристн адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи муқарраротп, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он муайян ва тавсиф шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажӯҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккулп мавзуи мазкурро илман муайян намудааст.

Таҳқиқоти мазкур аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар рӯзноманигории тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаи мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизиони ватанӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар боби якуми диссертатсия бобати вижагиҳои жанри репортажи телевизионӣ ба таври мукаммал маълумот дода шудааст, ки қобили қабул аст. Аммо ба назари мо агар як фасли алоҳида дар ҳамин боб ба намуди репортажи мустақими телевизионӣ бахшида мешуд, рисолаи диссертатсионӣ боз ҳам пурратар мегашт.

2. Дар автореферати рисолаи диссертатсионии мазкур баъзан хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд, киислоҳи он ба манфиати кор мебошад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ буда, мазмуну мундариҷа ва аҳамияти илмии автореферати рисолаи диссертатсиониро паст намекунанд. Автореферати диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» аз нигоҳи сохтор мундариҷаву мазмун мувофиқ ба талабот таҳия шуда, муҳтавои асосии рисолаи диссертатсиониро фаро гирифтааст.

Бо назардошти ин, автореферати диссертатсияи Мулоева Нишона Сангмадовна дар мавзуи «Мавқеи жанри репортаж дар барномаҳои

иттилоотии телевизион (дар мисоли шабакаҳои телевизионии «Тоҷикистон» ва «Ҷаҳоннамо» (солҳои 2010-2022))» таҳқиқи анҷомёфта ба ҳисоб рафта, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 - Рӯзноманигорӣ (6D050401 - Рӯзноманигорӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, мудири
кафедраи журналистикаи
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; **Алишери Абдулмаҷид.**

« 21» майи соли 2024

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Восеъ, ҷамоати деҳоти Тугарак, деҳаи Шобика
Тел: (+992) 918-33- 44- 42
E-mail: alisheriabdulmajid@mail.ru

Имзои Алишери А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;
« 21» майи соли 2024 **Амиров Ф. А.**

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
Тел: (+992-33-22) 2-35-06.
E-mail: info@kgu.tj